Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail:faridullo72@mail.ru

## ТАҚРИЗ

Ба автореферати диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович дар мавзуи "Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Докторант дар таҳқиқоти диссертатсионии худ, ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва асосҳои назариявии андозбандии он аҳамияти хоса дода аст. У. Ҳусейнов ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, диққати ҷиддӣ дода хусусиятҳои низоми андозбандии соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти худ, муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории истеҳсолӣ бояд ҳамчун соҳаи афзалиятнок дониста шавад, зеро он ба афзоиши иқтидори иқтисодии кишвар ва дар натиҷа ба зиёдшавии воридоти андоз мусоидат хоҳад намуд.

Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф маълум намудааст, ки барои муайян намудани алоқамандии андоз ва фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳити инноватсионӣ ҳамчун шароит барои афзоиш ёфтани иқтидори бозтавлиди истеҳсолӣ баромад намуда, бо ҷалби техникаю техонологияҳои нав рушди фаъолияти соҳибкориро метавонад саҳми беназир дошта бошад.

Аммо бояд тазаккур дошт, ки дар баробари комёбиҳо дар самти таҳқиқоти такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, дар автореферат камбудиҳое ифшо гардидаанд, ки бартарафнамоии онҳо метавонад мавзуи таҳқотиро боз ҳам беҳтар гардонад:

1. Дар автореферат мушкилиҳои марбут ба гаронии андоз, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар рӯ ба рӯ мегарданд, ба таври кофӣ ифшо наградидаанд.
2. Пешниҳодҳо нисбати такмил ва таҷдиди андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ бояд мушаххастар карда шаванд.

Таҳқиқоти докторант аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки истифодаи низомҳои махсусӣ андозбандӣ агар аз як тараф барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ бошад аз тарафи дигар имконияти рушди минбадаи соҳибкориро бо назардошти тағйиротҳо таъмин менамояд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Роҳҳои такмили андозбандии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Ҳусейнов Умарҷон Саидакбарович арзандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
д.и.и., мудири шуъбаи таҳқиқоти
назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ **Каримова М.Т.**

Имзои Каримова М.Т.-ро тасдиқ менемоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонов Э.Т.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44, Иниститути иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, почтаи эл.: info@ied.tj, Тел: +992 (37) 221-57-65, Факс: +992 (37) 221-67-50